«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДТТ ба номи акад. М.С. Осимӣ
профессор Давлатзода Қудрат Қамбар
________________________
«___»_09_________ с. 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович
дар мавзуи: «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X–XII (таҳлили муқоисавӣ)»
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа
аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ, аз руйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба диссертатсияҳои илмӣ буда, мувофиқи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 31-35 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, иҷро шудааст. Ҳамчунин, мавзуи диссертатсия ба бандҳои 9 ва 10 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020 таҳти № 503 «Дар бораи самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» алоқаманд мебошад. Дар диссертатсия масъалаҳои калидии фалсафаи классикии тоҷик, аз ҷумла баррасии низоми онтологӣ, таҳлили муқоисавии мактабҳои машшоия ва тасаввуф, ҳамчунин ҷойгоҳи онҳо дар рушди тафаккури фалсафии миллӣ ва ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

2. **Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи таҳқиқи пешниҳодшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии баланд мебошад, зеро ба омӯзиши яке аз самтҳои камтаҳқиқи таърихи фалсафаи асримиёнагии тоҷик бахшида шудааст. Дар рисола масъалаҳои асосии ҳастишиносӣ тавассути баррасии ду равияи калидии афкори асримиёнагӣ – машшоия ва тасаввуф таҳлил гардидаанд.

Мубрамияти мавзуъ дар он ифода меёбад, ки баррасии ҳамзамони ин ду мактаб имкон медиҳад робита ва ихтилофи онҳоро дар ташаккули ҷаҳонбинии тоҷику форс равшан намуда, саҳми онҳо дар рушди минбаъдаи фалсафаи умумибашарӣ нишон дода шавад. Ғайр аз ин, бо дарназардошти эҳёи арзишҳои маънавӣ ва фарҳангӣ дар замони истиқлол, бознигарии дубораи мероси фалсафӣ ва ирфонӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Ҳамин тариқ, мавзуи диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ зарур ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ саривақтӣ буда, барои густариши худшиносии миллӣ ва муколамаи

тамаддунҳо аҳаммияти назаррас дорад. Масоили ҳастишиносӣ ва муносибати онҳо бо таҷрибаи ирфонӣ аз муҳимтарин мавзуъҳои фалсафаи асримиёнагии Шарқ ба шумор меравант. Бо дарназардошти эҳё ва рушдёбии омӯзиши мероси фалсафии миллӣ, мубрамияти мавзуи мазкур беш аз пеш афзудааст.

3. **Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертант бо истифодаи манбаъҳои аслӣ (осори Ибни Сино, Мустамлии Бухороӣ ва дигар мутафаккирон) ва тадқиқоти муосир, хулосаҳои худро ба таври асоснок пешниҳод кардааст. Далелҳои илмӣ бо тарзи возеҳ ва бо такя ба усулҳои таҳлили муқоисавӣ ифода ёфтаанд. Ҳамаи хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсия бар пояи таҳлили муфассали манбаъҳои аслӣ ва пажӯҳишҳои муосир асос ёфтаанд. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ, баррасии танқидии осори классикӣ ва муқоисаи равияҳои фалсафӣ тавонистааст, ки андешаҳои илмии худро бо далелҳои муътамад ва истидлоли возеҳ шарҳ диҳад.

Гузоришҳои илмӣ дар ҷараёни тадқиқ бо мисолҳо ва шарҳҳои дақиқ асоснок шудаанд, ки ба онҳо устуворӣ мебахшад. Муаллиф тавонистааст робита ва фарқияти машшоия ва тасаввуфро бо мисолҳои мушаххас нишон дода, барои ҳар як хулоса заминаи назариявӣ ва методологӣ пешниҳод намояд.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертант дорои дараҷаи баланд буда, аз нигоҳи илмӣ эътимоднок ва қобили қабул мебошанд.

4. **Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**

Тадқиқоти анҷомдода дорои сатҳи баланди навоварӣ мебошад, зеро нахустин бор масъалаҳои ҳастишиносӣ дар ду равияи калидии фалсафаи асримиёнагии тоҷик – машшоия ва тасаввуф бо равиши муқоисавӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф на танҳо тафсири ҷудогонаи ҳар ду мактабро пешниҳод намудааст, балки ҳамкории назариявӣ ва ихтилофи онҳоро низ таҳлил кардааст, ки ин равиш дар адабиёти илмии пешина кам ба назар мерасад. Натиҷаҳои бадастомада бо такя ба манбаъҳои аслӣ ва таҳқиқоти муосир ҳосил шуда, саҳеҳияти онҳо бо истифодаи усулҳои таҳлили мантиқӣ ва муқоисавӣ тасдиқ гардидааст:

- бори аввал таъсири мутақобилаи таълимоти машшоия ва ирфон ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор гирифтааст;
- муқоисаи категорияҳои «ҳастӣ» ва «нестӣ», «моҳият», «илми ҳол», «мақому ҳол», «сайру сулук» ва мафҳуми «инсони комил» дар ду равия бо шеваи нав тафсир ёфта, робитаи онҳо бо низоми афкори фалсафии асримиёнагӣ нишон дода шудааст;
- диссертант на танҳо ирфонро таҳти таъсири фалсафаи машшоия баррасӣ намудааст, балки нишон додааст, ки тасаввуф низ ба ташаккули баъзе назарияҳои машшоия таъсир доштааст.

Ҳамин тавр, навоварии илмӣ дар асл аз таҳлили муфассал ва низомманди масъалаҳое бармеояд, ки то имрӯз бештар ба таври пароканда баррасӣ

мешуданд ва саҳеҳии натиҷаҳо бо далелҳои муътамад ва баромадҳои муаллиф дар муҳокимаҳои илмӣ тасдиқ мегардад.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

Натиҷаҳои бадастомада пеш аз ҳама дорои арзиши илмӣ мебошанд, зеро онҳо имконият медиҳанд, ки ҷараёнҳои фалсафии асримиёнагии тоҷик бо назари нав арзёбӣ шаванд. ,Ин пажӯҳиш ба таҳқиқи низоми категорияҳои онтологӣ, ҳамчунин ба равшан сохтани ҷойгоҳи машшоия ва тасаввуф дар ташаккули тафаккури фалсафӣ саҳми назаррас мегузорад.

Аҳаммияти амалӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, омода кардани маводи лексионӣ ва рушди фанҳои фалсафа, фарҳангшиносӣ ва диншиносӣ дар муассисаҳои олӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои пажӯҳиш ҳамчунин барои мутахассисоне, ки ба омӯзиши мероси ирфонӣ ва фалсафаи классикӣ машғуланд, ҳамчун дастури методологӣ хизмат карда метавонанд.

Ҷанбаҳои иҷтимоии кори илмӣ низ қобили зикр мебошанд: таҳқиқи масъалаҳои ҳастишиносӣ дар фарҳанги миллӣ ба таҳкими ҷаҳонбинии солим, рушди худшиносии миллӣ ва густариши арзишҳои маънавӣ мусоидат мекунад. Диссертатсия метавонад ҳамчун воситаи муҳими робитаи фарҳангҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ арзёбӣ гардад.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия ба воситаи истифодаи манбаъҳои аслӣ, таҳлили муқоисавии осори Ибни Сино, Мустамлии Бухорӣ ва дигар мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, инчунин бо такя ба дастовардҳои илми муосир асоснок шудаанд. Дурустӣ ва эътимоднокии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертант ба методҳои таҳлили таърихӣ ва фалсафӣ пайравӣ намуда, хулосаҳои пешниҳодшударо бо далелу бурҳонҳои мантиқӣ собит месозад. Мутобиқати онҳо ба муҳтавои сарчашмаҳои илмӣ ва ҳамоҳангии мантиқии таҳлилҳо боиси он гардидааст, ки натиҷаҳои таҳқиқ дорои дараҷаи баландтари эътимоднокӣ мебошанд.

Дурустии хулосаҳо бо истидлолҳои возеҳ, муқоисаи андешаҳои равияҳои гуногун ва таҳлилҳои муфассал тасдиқ мегардад. Ҳар як банд ва пешниҳод дорои заминаи назариявӣ буда, бо такя ба далелҳои мантиқӣ ва мисолҳои мушаххас асоснок шудааст.

Ғайр аз ин, нашри мақолаҳо ва натиҷаҳои асосӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба сатҳи эътимоднокӣ ва устувории онҳо шаҳодат медиҳад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия аз лиҳози илмӣ дуруст, боэътимод ва асоснок мебошанд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб, пеш аз ҳама, дар интихоби масъалаи нави назариявӣ ва таҳлили мукаммали он ба шакли муқоисавӣ ифода меёбад. Диссертант бо таври мустақил равобити мутақобилаи фалсафаи машшоия ва ирфони тоҷику форсро

баррасӣ намуда, масъалаҳои ҳастишиносии ду равияро муқоиса кардааст. Ҷойгир намудани мафҳумҳои калидӣ («илми ҳол», «сайру сулук», «инсони комил» ва ғ.) дар заминаи фалсафаи машшоия, таҳлили онҳо аз нигоҳи фалсафаи ирфонӣ ва пешниҳод намудани хулосаҳои нав, саҳми шахсии довталабро дар пешбурди фалсафаи миллӣ ва таърихи он ба таври возеҳ собит месозад. Муаллиф дар раванди тадқиқ саҳми шахсии назаррас гузоштааст. Пеш аз ҳама, ӯ тавонистааст масоили ҳастишиносиро дар доираи ду равияи асосӣ – машшоия ва тасаввуф аз назари муқоисавӣ таҳлил намояд, ки то имрӯз дар таҳқиқоти фалсафии миллӣ ба таври низомманд иҷро нашуда буд.

Истифодаи усулҳои таҳлили мантиқӣ ва таърихӣ, ҷамъоварии манбаъҳои аслӣ, муқоисаи осори файласуфон ва мутафаккирони ирфонӣ ва таҳияи хулосаҳои нав аз ҷониби худи диссертант анҷом дода шудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои пешниҳодгардида нишон медиҳанд, ки натиҷаҳо на натиҷаи интиқоли механикии маълумот, балки ҳосили андешаронӣ ва таҳлили мустақили илмии довталаб мебошанд. Аз ин рӯ, саҳми шахсии муаллиф дар диссертатсия ба таври возеҳ ифода ёфта, корро ҳамчун як таҳқиқоти воқеан мустақил ва арзандаи дараҷаи илмии докторӣ муаррифӣ менамояд.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Диссертант натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмии худро дар 16 мақолаи нашргардида ироа намудааст, ки онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба табъ расидаанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки хулосаҳои диссертатсия пешакӣ аз санҷиши ҷомеаи илмӣ гузашта, эътироф ва баҳогузории мутахассисонро дарёфтаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар шакли монография, дастури таълимӣ ва мақолаҳои сершумор интишор ёфтаанд. Аз шумораи умумии мақолаҳо, қисми назаррасашон дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва нашрияҳое, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, ба табъ расидаанд. Нашри мақолаҳо дар чунин сатҳ на танҳо эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро тасдиқ менамояд, балки саҳми муҳаққиқро дар рушди илми фалсафа низ таъйид мекунад.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Мазмуни диссертатсия бо ҳадафу вазифаҳои муайяннамудаи диссертант мувофиқ мебошад. Таҳқиқ бо риояи талаботи илмӣ ба анҷом расида, ҳамаи масъалаҳои асосӣ – аз муаррифии сарчашмаҳо ва таҳлили таърихиву фалсафӣ то хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ фаро гирифта шудаанд. Диссертатсия ба таври комил анҷом ёфта, дорои хусусияти мустақил ва арзиши илмии баланд мебошад. Мазмуни диссертатсия бо талаботи корҳои илмии сатҳи докторӣ комилан мувофиқат мекунад. Таҳқиқ бо пайдарҳамии мантиқӣ ва сохтори возеҳ анҷом дода шуда, ҳамаи масъалаҳое, ки дар муқаддима ҳамчун ҳадаф ва вазифаҳо муайян гардидаанд, дар ҷараёни кор пурра ифшо шудаанд.

Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои гуногуни аслӣ ва пажӯҳишҳои муосир тавонистааст муҳтавои мавзуъро ҳамаҷониба таҳлил намояд. Натиҷаҳо бо далелҳои муътамад асоснок шуда, ба таври возеҳ дар хулосаҳои рисола инъикос ёфтаанд.

Ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ, диссертатсия кори пурра анҷомёфта арзёбӣ мегардад ва метавонад ҳамчун таҳқиқоти мустақилу *арзишманд ба соҳаи таърихи фалсафа ворид гардад.*

**10. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, 14 зербоб, хулоса, тавсия ва рӯйхати сарчашмаҳо иборат аст. Ҳар як боб ба таври мантиқӣ пайваст шуда, масъалаҳои тадқиқотиро пайдарпай таҳқиқ менамояд. Ҳаҷми умумии рисола ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, сохтору шакли он низ мутобиқ ба талаботи амалкунанда таҳия шудааст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум** масъалаҳои назариявию методологии мавзуъ баррасӣ шуда, таърихи омӯзиши фалсафаи машшоия ва тасаввуф дар муҳити илмии тоҷикону форс, манбаъҳои аслӣ ва тадқиқоти муҳаққиқони муосир таҳлил гардидааст. Муаллифи рисола таҳқиқоти қаблиро муқоисавӣ арзёбӣ карда, самтҳои камтаҳқиқ ва масъалаҳои баҳсталабро ошкор менамояд.

Дар ин боб мафҳумҳои калидии «ҳастӣ» ва «нестӣ» ҳамчун асоси тамоми низоми онтологӣ шарҳ дода шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки «ҳастӣ» берун аз доираи даҳ категорияи Арасту қарор дошта, моҳият ҳадди онро муайян мекунад. Тафовути «ҳастӣ» ва «моҳият» бо такя ба осори машшоия бо равиши назариявӣ таҳлил шудааст.

Муаммои «нестӣ» ҳамчун категорияи баҳсталаб дар фалсафа ва ирфон равшан шудааст. Натиҷаҳо собит месозанд, ки «ҳастӣ» ва «нестӣ» як ҷуфти диалектикӣ буда, тақдири онтологии мавҷудотро муайян месозанд.

Муаллиф робитаи ҳастӣ бо шуур ва тафаккурро баррасӣ намуда, аҳаммияти он барои метафизикаи классикӣ таъкид кардааст.

Дар маҷмӯъ, боби аввал заминаи назариявиро барои таҳқиқоти минбаъда фароҳам овардааст.

**Дар боби дуюм – «Маърифати ҳастӣ дар мактабҳои фалсафии асримиёнагии тоҷик»** масъалаҳои ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоия, хусусан дар осори Ибни Сино, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Мафҳумҳои асосӣ, аз қабили «ҳастӣ ва нестӣ», «моҳият ва вуҷуд», «ақл ва нафс», бо истинод ба сарчашмаҳои классикӣ таҳлил шуда, хусусиятҳои методи ақлонӣ ва ирратсионалии Ибни Сино шарҳ дода мешаванд.

Муаллиф таъсири равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии асрҳои X–XII-ро ба ташаккули фалсафа нишон додааст. Дар рисола собит мегардад, ки мафҳуми «ҳастӣ» ҷавоб ба ниёзҳои маънавию иҷтимоии ҷомеа будааст. Таназзули хилофати Аббосиён ва эҳёи фарҳангии Сомониён ба густариши фалсафа замина гузоштааст. Мавқеи калом, мӯътазилия, исмоилия ва ишроқ дар шаклгирии онтология баррасӣ шудааст. Муаллиф равшан месозад, ки баҳсу мунозираҳои мазҳабӣ ба рушди фалсафа ва тағйири ҷаҳонбинӣ мусоидат кардаанд. Дар ин давра як қатор андешаҳои материалистӣ низ ифода ёфта, аммо ранги теологӣ гирифтаанд. Хулосаҳои ин боб аҳаммияти фарҳангии давраи миёнаро барои рушди фалсафаи тоҷик таъкид мекунанд.

**Дар боби сеюм – «Масъалаи ҳастишиносӣ дар тасаввуф»** масъалаҳои ҳастишиносӣ дар таълимоти ирфонӣ, махсусан дар осори Мустамлии Бухорӣ, баррасӣ гардида, мафҳумҳои калидӣ чун «илми ҳол», «мақом ва ҳол», «сайру сулук», «инсони комил» мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтаанд. Дар ин замина муқоисаи муфассал миёни андешаҳои фалсафаи машшоия ва таълимоти ирфонӣ анҷом дода шуда, нуктаҳои умумӣ ва ихтилофи онҳо муайян ва хулосаҳои нав пешниҳод шудаанд.

Дар ин боб хусусиятҳои маърифати ирфонӣ дар шинохти ҳастӣ шарҳ дода шудаанд. Муаллиф ирфони назарӣ ва амалӣ, сайру сулук, мақом ва ҳолро ҳамчун мафҳумҳои калидӣ тавзеҳ кардааст. Тафовути ирфон аз фалсафаи ақлонӣ дар такя ба таҷрибаи ботинӣ ва шуҳуди қалбӣ равшан шудааст. Муаллиф робитаи тасаввуф бо калом ва дигар равияҳоро бо ҷанбаҳои таърихӣ таҳлил намудааст. Хулосаҳо нишон медиҳанд, ки ирфон роҳи наздиксозии илм ва динро фароҳам овардааст. Таълимоти ирфонӣ нақши муҳим дар рушди ҷаҳонбинии ахлоқӣ ва маънавии тоҷикон бозидааст. Дар маҷмӯъ, натиҷаҳо аҳаммияти ҷиддии ирфонро дар ташаккули онтологияи асримиёнагӣ собит месозанд.

**Дар боби чорум – «Таҳлили муқоисавии масоили ҳастишиносӣ дар машшоия ва тасаввуф»** мафҳумҳои Худо ва олам, ҳаракат, вақт ва фазо ва инсон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Машшоиён инсонро мавҷуди соҳибихтиёр дониста, ба таҷрибаи ҳиссӣ ва мантиқ такя мекарданд. Мутакаллимон инсонро нотавон нишон дода, нақши ӯро асосан ба ҳаёти охират марбут мешумурданд. Дар тасаввуф инсон ва Худо ҳамчун як воқеияти ягона дарк мегарданд. Муаллиф собит месозад, ки худшиносӣ дар тасаввуф ҳамзамон худошиносӣ аст. Муқоисаи ду равия нишон медиҳад, ки ҳар яке дар ташаккули тафаккури миллӣ нақши хос бозидааст. Дар маҷмӯъ, натиҷаҳо робита ва фарқияти ин ду мактабро равшан сохта, саҳми онҳоро дар фарҳанги фалсафӣ муайян менамоянд.

11. **Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор, ҳаҷм, тарзи иқтибос ва овардани сарчашмаҳо,

ҳамчунин риояи меъёрҳои услубӣ ва методологӣ ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад. Матн бо истифода аз меъёрҳои ягонаи илмӣ таҳия гардида, ҳамаи унсурҳои ҳатмии рисолаи илмӣ дар он ба таври пурра ифода ёфтаанд.

Ҳаҷми умумии таҳқиқ ба стандартҳои рисолаи докторӣ ҷавобгӯ буда, рӯйхати манобеъ фарогири осори классикӣ ва пажӯҳишҳои муосир мебошад. Нашри натиҷаҳои илмӣ низ ба меъёрҳои зарурӣ мутобиқат дорад, зеро мақолаҳо ва дастовардҳои асосӣ дар нашрияҳои илмии тақризшаванда интишор шудаанд.

Ҳамин тавр, аз нуқтаи назари барасмиятдарорӣ ва муаррифии илмӣ, диссертатсия ба пуррагӣ ба талаботи КОА ҷавобгӯ мебошад.

**12. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Тахассуси илмии довталаб – таърихи фалсафа ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 09.00.03 Таърихи фалсафа мувофиқат мекунад. Таҳқиқи диссертатсия аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки мавзуи интихобшуда ба соҳаи афзалиятноки таҳқиқоти фалсафаи миллӣ ва таърихи он иртиботи мустақим дошта, барои рушди минбаъдаи дониши илмӣ дар соҳаи фалсафа аҳаммияти назаррас дорад. Рисола бо дониши амиқи назариявӣ ва методологӣ навишта шуда, нишон медиҳад, ки муаллиф ба таври мустақил қодир аст масъалаҳои мураккаби таърихи фалсафаро таҳлил ва ҳалли илмии онҳоро пешниҳод намояд.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқ, нашри онҳо дар манбаъҳои илмии сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин тавоноии муаллиф дар истифодаи усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва мантиқӣ далели мувофиқати тахассуси ӯ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошанд.

Ҳамин тавр, омодагии назариявӣ ва таҷрибаи пажӯҳишии довталаб ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, сазовори дарёфти унвони доктори илмҳои фалсафа мебошад.

**Эродҳо дар ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз даствоарду мувaффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти оянда диссератант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки дар таълимоти «Ибни Сино ҳастӣ бар моҳият тақаддуми зотӣ дорад» (с. 88). Вале нисбати Сартр муаллиф қайд мекунад, ки ба гуфтаи Сартр: «Мо аввал вуҷуд дорем, баъд маънӣ месозем, яъне маъно маҳсулест, ки шахс худаш меофарад». «Ҳол он ки барои Ибни Сино маънӣ пеш аз мавҷудот вуҷуд дорад ва онҳо ба воситаи он шакл мегиранд». Шояд дар ин ҷо ба ҷои вожаи «маънӣ» вожаи «моҳият»-ро истифода бурд. Дар ин порча дар ду ҳолат ба ҷои вожаи «моҳият» вожаи «маънӣ» омадааст. (с. 72).

2. Дар диссертатсия муаллиф қайд мекунад, ки: «Тафовути асосии ҳастӣ ва моҳият дар таълимоти машшоия он аст, ки ҳастӣ ба ҳеҷ як аз даҳ категорияи Арасту, тааллуқ надорад, зеро ҳастӣ як «чизи абстрактӣ» аст, дар ҳоле ки моҳият як «чиз»-и мушаххасест, ки ба даҳ категорияи Арасту дохил шудааст. «Ба шарофати моҳият ҳар яке аз ин таъйинот вуҷуд дорад ва аз ин рӯ , моҳият он аст, ки дар ҷои аввал вуҷуд дорад ва на ҳамчун мавҷуди махсус, балки ҳамчун мавҷудияти бевоситаи он дода мешавад» (с. 97). Аммо истилоҳи «моҳият» дар таълимоти Ибни Сино ва инчунин экзистенсионализм (Сартр) боз маънои худфаъолиятӣ ва худшиносии инсонро ифода мекунад. Масалан, «нафси муаллақ» дар таълимоти ӯ чун ифодагари худшиносии шахс, ки манияти (эгои) худро дарк кардааст, баромад мекунад.

3. Дар диссертатсия омадааст, ки: «Дар тасаввуф ҳадафи инсон расидан ба марҳалаи ваҳдати вуҷуд ва «фано фи-ллоҳ» мебошад, ки дар он инсон аз худ мегузарад ва ба маънои том бо ҳақ воҳид мегардад. ...Дар фалсафаи машшоия, хусусан дар таълимоти таълимоти Ибни Сино, инсон ҳамчун зоти оқил ва дорои қобилияти шинохти мантиқӣ ва илмӣ тасвир мешавад» (с.453).

Аммо дар диссертатсия дар бораи фарқият ва вижагии таълимоти ирфонии Ибни Сино, хусусан доир ба «Инсони комил» аз тасаввуф чизе гуфта нашудааст.

Худи ҳаракати рӯҳонии солики тариқро сӯи фано таҳтуллафзӣ маънидод кардан нашояд; ҳулулу иттиҳоди интиҳоӣ (ба ташбеҳи адибони сӯфимашраб, фано шудани парвона дар нури шамъ) баробари ба нестӣ расидани шахсияти фард нест.

Бинобар он, бархилофи ақидаи анъанавӣ, ки гӯё солики тариқат (ориф) дар раванди меъроҷи маънавии худ иродати худро гум мекунад ва дар зоти «Ҳақиқати мутлақ» ҳулул шуда, фардияти шахсии худро гум мекунад, Ибни Сино инсони комилро бо озодии ирода ва хислатҳои шахси мухтор арзёбӣ мекунад.

4. Дар диссертатсия масъалаи ҳастӣ ва нестӣ ба таври умум аз ҷиҳати назариявӣ хуб таҳлил шуда, диалектикаи категорияҳои ҳастӣ ва нестӣ кушода шудааст, ки дар коркарди он Ибни Сино саҳми бориз гузошт, аммо ҷанбаи ахлоқӣ-иҷтимоӣ ва натурфалсафии онҳо, аз нигоҳи Ибни Сино, дар рисола мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Дар таълимоти ахлоқии хеш Ибни Сино **некиро бо ҳастӣ, бадиро бо нестӣ, адам айният медиҳад.** Некӣ дар мавриде метавонад некӣ бошад, ки ҳастии бадиро дар бар гирад ва он аз рӯи зарурат омада, аммо мақсади коинот нестанд. Таносуби некию бадӣ чун шароити ҳастии аҷсоми алоҳида, ҳодиса ва раванд, дар қувва ва тамоюли гуногуни ба ҳам мухолиф буда, ваҳдати дохилии онҳоро таъмин мекунад. Дар диалектикаи некию бадӣ нақши ҳалкунандаро некӣ мебозад, ки хосияти муҳими он ҳастӣ буда, нестӣ (адам) асли бадӣ аст. Маҳз аз

муносибати мутақобилаи некӣ ва бадӣ Шайхурраис принсипи **сохтори ҷаҳонро** тавзеҳ медиҳад.

Мафҳумҳои хайру шарр на танҳо чун мақулаҳои ахлоқӣ, балки чун мафҳумҳои ниҳоят васеи ҷавҳарӣ низ баромад мекунанд.

Дар таълимотҳои натурфалсафии эшон тамоми олами табиат, моҳиятан, чун ҷавлонгоҳи набарди ду мабдаи мухолиф: неку бад, равшанӣ ва зулмот пешкаш шудааст. Дар силсилаи беинтиҳои тавлид ва марг, мабдаъ ва маод, ки ҳам дар сатҳи ҷисмҳои аносири моддӣ, ва ҳам дар мавҷудоти олии зинда, аз ҷумла инсон, сурат мегиранд, Ибн Сино зуҳуроти муборизаи беинтиҳои ононро арзёбӣ мекунад.

Вале эшон бузургии баробартаъсир намебошанд, мепиндорад Ибни Сино. Бо некӣ камолот, муратаббӣ, мавзунии олам алоқаманд аст, вале бадӣ – ҳолати бемории олам аст, ки ба тахрибу таназзули он равона шудааст, ки онро бояд рафъ намуд. Аз ин ҷиҳат, ба ақидаи Шайхурраис, дар ҷаҳон бояд на шарр, балки некӣ тантана намояд.

Бо вуҷуди ин, камбудиҳои номбурда сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд ва ба натиҷаҳои илмии бадастомада таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Ба назар гирифтани онҳо дар таҳқиқоти минбаъдаи диссертант метавонад самаранок бошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

13. **Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович дар мавзуи «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X–XII (таҳлили муқоисавӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад ва қобили пешниҳод ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, диссертант Каримов Аслам Азамжонович ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ Раҳимов М. Х. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (протоколи №1 аз 28 августи соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 18 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
ДТТ ба номи академик М. Осимӣ,
номзади илмҳои таърих, дотсент ____________ Шарофзода Э.У.

**Эксперт:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
ДТТ ба номи акад. М. Осимӣ ____________ Раҳимов М. Ҳ.

**Котиби илмии ҷаласа**:
номзади илми фалсафа,
и.в. дотсент ____________ Тураев Ф. Р.

Имзоҳои Шарофзода Э.У. Раҳимов М. Ҳ. - ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ
ба номи М. С. Осимӣ ____________ Қодирзода Н. Ҳ.

**Суроғаи муассисаи пешбар**:
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони академик Раҷабовҳо, 10
Тел./ Fax.: +992(37) 221-35-11
E-mail: info@ttu.tj;
сомонаи расмӣ: WWW. @ttu.tj

«29» 08 соли 2025